**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
________________
«05» 04 2024 с.

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсия дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Болтуева Рухсора Камоловна 5 сентябри соли 1986 ба дунё омадааст. Соли 2003 ба факултети иқтисодиёт ва идораи Филиали Хуҷандии Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон (ФХДТТ) дохил шуда, онро соли 2008 бо тахассуси иқтисодчӣ аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт ва идора дар корхона» бомуваффақият хатм намуда, сохиби ихтисоси «Иқтисодчӣ-менеҷер гаштааст.

Аз моҳи сентябри соли 2021 то ин дам дар ширкати фармасевтии гурҷӣ дар Намояндагии ҶДММ «Ҷи Эм Фармасютикалс» ба ҳайси директори намояндагӣ кору фаъолият мебарад.

Аз таърихи 31-уми марти соли 2021 мавзӯи диссертатсияи номзадиро зери унвони «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ» таҳти роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт бо қарори шурои олимони Донишгоҳи Миллии Точикистон тасдиқ намудааст.

Болтуева Рухсора Камоловна бо фармоиши ректори ДМТ аз 31-уми мартии соли 2021, №110-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии факултети баҳисобгирию иқтисодии ДМТ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва омор қабул карда шудааст.

Шаҳодатномаи имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст (Шаҳодатномаи № 52 аз 05-уми апрели соли 2024).

**Роҳбари илмӣ:** Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити рушди тиҷорати соҳаи фармасевтии Тоҷикистон ташкилотҳои фамасевтӣ кӯшиш мекунанд, ки барои идомаи пешрафт ва мавқеи муваффақ дар бозори доруворӣ бо ҳама рақобати солим намуда, арзиши тиҷорати худро баланд бардоранд. Барои идоракунии оқилонаи корҳо ташкилотҳоро зарур аст, ки сохтори хароҷотро таҳлил намоянд, зеро ин имконият медиҳад, то барои қабули қарорҳои саривақтӣ ва дуруст иттилооти пурра ва мушаххас омода гардад.

Ба ин танҳо бо роҳи ҷорӣ намудани баҳисобгирии идоракунӣ, ки таҳти он низоми таъминоти ҳайати идоракунандаи ташкилот бо иттилоот оиди хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот, инчунин низоми идоракунии буҷет ва арзёбии фаъолияти зерсохтори ташкилот фаҳмида мешавад, ноил гашта метавонем. Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамеша дар таҷрибаи кории ташкилотҳои бузург мавҷуд буд - дар асоси маълумоти махфии "ношаффоф" дар бораи мақсаднокии баъзе намудҳои фаъолияти тиҷоратӣ пешгӯиҳо ва хулосаҳо баровarda мешуданд.

Талабот ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ, дурусттараш, аз нав ташкил кардани технологияи мавҷудаи баҳисобгирии бухгалтерӣ аз он сабаб ба миён меояд, ки баҳисобгирии анъанавӣ аз рӯи таърифи худ ба манфиатҳои идоракунӣ мувофиқ нест. Ташаккули асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои тартиби системаҳои баҳисобгирии идоракунӣ бояд бо нишон додани ду равиш ба ин консепсия пешгӯӣ шаванд. Якум баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун системаи ҷамъоварӣ ва тафсири маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар бораи хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот баррасӣ мегардад, ки ба ҳалли як масъалаи мушаххаси идоракунӣ (назорат кардан) нигаронида шудааст. Дар баробари ин ба хусусияти меъёрии чунин маълумот ва аҳамияти он барои гирифтани ҳисоботи «берунӣ»-и корхона диққати калон дода мешавад. Албатта, тахлили хароҷот бо мақсади кам кардан ва оптимизатсияи онҳо шакли соддатарин ва аёнтарини ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтори тиҷоратӣ мебошад. Муносибати дуюм чунин мешуморад, ки вазифаи асосии ҳама гуна фаъолияти баҳисобгирии муҳосибӣ таъмин намудани кадрҳои роҳбарикунандаи корхона бо иттилооти саривақтӣ ва пурра барои қабули қарорҳои мувофиқи идоракунӣ мебошад. Бо ин равиш мафҳуми

баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо системаи ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи хароҷоти корхона, балки системаи идоракунии буҷет, яъне ба нақша гирифтани даромаду хароҷоти корхона, инчунин системаи баҳодиҳии кори шуъбаҳо мебошад. Бояд гуфт, ки методология ва технологияи ташкили баҳисобгирии бухгалтериро вазифаи идоракуние, ки дар назди ташкилот истодааст, торафт бештар муайян мекунад.

Натиҷаи фаъолияти ташкилоти дорусозиро бисёртар идоракунии самараноки он муайян мекунад. Дар ҳолате, ки фаъолияти ташкилот нокифоя пешгуӣ шудааст, қарорҳои зарурӣ бесамаранд ва тасвири дақиқ, пурра ва саривақтии даромад ва хароҷот вуҷуд надошта бошад, пас ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар чунин вазъият метавонад як воситаи хеле муассири зиддибӯҳронӣ бошад.

Ҳамин тариқ, баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои беназири идоракунии ташкилоти мушаххас ба назар гирифта шаванд. Ин ба менеҷерон имкон медиҳад, ки сохтори хароҷотро барои намудҳои алоҳидаи маҳсулот (молҳо, хизматрасониҳо ва ғайра) таҳлил кунанд, даромаднокӣ ё зараровар будани лоиҳаҳои бизнесро муайян кунанд, аз тасаввуроти нодуруст дар бораи даромаднокии воқеии барномаҳои инфиродӣ ва ғайра пешгирӣ кунанд. Тасодуфӣ нест, ки корхонаҳои бозорҳои бештар тараккикарда то 90 фоизи вақту воситаҳои худро барои ташкил кардан ва пеш бурдани баҳисобгирии идоракунӣ ва танҳо 10 фоиз барои баҳисобгирии молиявӣ сарф мекунанд. Баҳисобгирии идоракунӣ бо ягон талаботи қонунӣ вобаста нест. Усулҳои он хеле чандир мебошанд: маъмурият озод аст, ки бо сенарияҳои гуногун таҷриба кунад, то нақшаи оптималии амалро барои идоракунии самараноки ташкилот таҳия кунад.

Коркарди нокифояи масъалаҳои марбут ба татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ, набудани тавсияҳои методологӣ оид ба ташкили раванди буҷетикунонӣ дар ташкилотҳои дорусозӣ интихоби мавзӯи рисола, мақсад, вазифаҳо ва мундариҷаи онро муайян кардааст.

Ихтисос ва номи мавзуи диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна «Рушдии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ» ба шиносномаи ихтисоси (08.00.08-Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, таҳти №392), «Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» №1413 аз 30 майи соли 2017, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» №39 аз 6

августи соли 2001, «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба харид ва тақсимоти маводи доруворӣ», Барномаи давлатии рушди саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», № 569 аз 28 октябри соли 2020, инчунин Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Муаммоҳои муосири мукамалгардонии принципҳо, усулҳо ва методологияи баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат ва аудит дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши асосҳои назариявӣ ва ташкилӣ-методии баҳисобгирии идоракунӣ, инчунин коркарди тавсияҳо доир ба такмили равишҳои мавҷудаи баҳисобгирии идоракунии ба устуворшавии назорат ва баландбардории сифати идоракунӣ мусоидаткунанда дар ширкатҳои фармасевтӣ мебошад.

Барои расидан ба ҳадафҳои муайяншуда иҷроиши вазифаҳои зерин талаб карда мешавад:

– омӯзиши асосҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккули консепсияи умумии он; пешниҳоди муаллифии таърифи баҳисобгирии идоракунӣ;

– таҳлили ҳолати соҳаи фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянкунии таъсири он ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ;

– омӯзиши вазъи ташкили баҳисобгирии фаъолияти тиҷоратӣ-савдоии ширкати фармасевтӣ ва коркарди тавсияҳои методӣ барои мукаммалгардонии он;

– коркарди тавсияҳои методӣ барои ташаккул ва рушди ҳисоботи идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ;

– пешниҳод кардани амсилаи баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар доираи низоми ҳисобҳои муҳосибӣ;

– коркарди нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ ҳамчун асоси такмили методикаи баҳогузории фаъолияти бизнес-равандҳо дар ширкати фармасевтӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот таҷрибаи амалкунанадаи баҳисобгирии муҳосибӣ ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқот маҷмӯи масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асос меёбад, ки фаъолияти ширкатҳои фармасевтии тиҷоратӣ, аз он ҷумла ширкатҳои истеҳсолӣ, бизнес-равандҳои муайянро дар бар гирифта, дорои хусусиятҳои хос мебошанд. Бинобар ин, зарурати рушди методикаи баҳисобгирии идоракунии даромаду хароҷот, ташаккули ҳисоботи

идоракунӣ, мукаммалгардонии баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо ва коркарди нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти онҳо дар шароити рақобати шадид тавассути коркардҳои назариявӣ-методӣ ва тавсияҳои амалӣ бо мақсади таъминоти иттилоотии низоми идоракунии ширкатҳои фармасевтӣ ба миён меоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро таҳқиқотҳои появии олимони ватанию хориҷӣ дар самти назария ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили иқтисодӣ, омор, менеҷмент ва усулҳои қабули қарорҳо ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои гуногуни умумиилмӣ, қоидаҳо ва тарзҳои омӯзиши қонуниятҳои иқтисодӣ ва рӯйдодҳои инкишофи онҳо: усулҳои таърихӣ, мантиқӣ, маҷмӯӣ ва системавӣ дар мувофиқат бо таҳлилҳои омилӣ, тарзу усулҳои таъмини иттилоотии қарорҳои идоракунӣ, унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ, аз он ҷумла ҳисобҳои муҳосибӣ, навишти дутурафа, ҳисоботи муҳосибӣ, арзишмуайянкунӣ ва ғ. таъмин менамоянд.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсияи пешниҳод кардааст.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки мукаммалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирии идоракуниро дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ, аз ҷумла ҳалли масъалаҳои гурӯҳбандии хароҷот, сегментикунонӣ ва муайян намудани бизнес ҷараёнҳо, тафсири ҳисобҳо, модели инъикоси иттилоот асоснок ва коркард, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Дар диссертатсия аз ҷамъбасткуниҳо ва хулосаҳои назариявӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ, маводҳои дастурӣ доир ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводҳо ва маҷмуаҳои конфронсҳои илмӣ-амалӣ, мақолаҳои дар нашрияҳои ватанӣ, хориҷӣ ва дар шабакаҳои интернет нашршуда, маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибии ширкатҳои фармасевтӣ ва дигар сарчашмаҳо ба таври васеъ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2021-2024 анҷом дода шудааст.

**Навигариҳои илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии диссертатсия дар коркарди муқаррароти назариявию методӣ ва тавсияҳои амалии низоми баҳисобгирии идоракунӣ зоҳир мегардад, ки ҳалли маҷмуии онҳо барои ташаккулёбӣ ва рушди низоми мукаммали иттилоотии дар қабули қарорҳои идоракунӣ мусоидаткунанда дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ кӯмак мерасонанд. Дар рафти таҳқиқот натиҷаҳои зерини нисбатан муҳим ба даст оварда шуд:

➢ асосҳои назариявию методии ташаккулёбӣ ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ омӯхта шуда, саҳми олимони ватанию хориҷӣ дар бунёди консепсияи он, моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ хамчун олоти самараноки менеҷмент муайян гардида, равишҳои методии омӯзиши ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ пешниҳод карда шуд;

➢ ҳолати кунунии соҳаи фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва таҳлил карда шуда, хусусиятҳои соҳа ва проблемаҳои мавҷуд буда ошкор гардида, таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шуд;

➢ вазъи ташкили баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти тиҷоратӣ-савдоии ширкати фармасевтӣ ва ташаккули натиҷаҳои молиявӣ таҳлил карда шуда, тавсияҳои методӣ барои бартарафкунии муаммоҳо, хусусан тавассути таснифи дармадҳо ва истифодаи низоми ҳисобҳои муҳосибии аз рӯйи дараҷаҳои гуногун ҷузъӣ гардонидашуда барои баҳисобгирии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ширкати фармасевтии тиҷоратӣ коркард карда шуда, амсилаи алоқамандии хисобҳо пешниҳод карда шуд;

➢ раванди ташаккули ҳисоботи идоракунии дохилӣ дар ширкатҳои фармасевтии ватанӣ мавриди таҳқиқ карор гирифта, таҳлили маълумотҳои он иҷро карда шуда, дар ин замина амсилаи бунёдшавии он коркард, тавсияҳои методӣ барои мукаммалгардонӣ ва рушди ҳисоботи идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ пешниҳод карда шуд;

➢ аҳамияти ҷудокунии фаъолияти ширкати фармасевтӣ ба бизнес-равандҳо, ба мисли бизнес-раванди «Сармоягузорӣ», бизнес-раванди «Таъминот», бизнес-раванди «Истеҳсолот», бизнес-раванди «Фурӯш», бизнес-раванди "Фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ" ва бизнес-раванди "Маъмурӣ ва хоҷагӣ", ки барои устуворгардонии низоми назорат ва идоракунӣ мусоидат менамоянд, муайян гардида, аломатҳои таснифи хароҷот пешниҳод, моҳияти баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо муайян карда шуда, мадели татбиқи он дар доираи низоми ҳисобҳои муҳосибӣ коркард карда шуд;

➢ нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ барои баҳогузории фаъолияти ҳар як бизнес-раванд дар ширкати фармасевтӣ муайян карда шуда, методикаи ҳисобкунии онҳо коркард ва дар ин асос методикаи муайянкунии самаранокии кори корхона дар маҷмуъ пешниҳод карда шуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди муқаррароти назариявию методӣ оид ба муайянкунии мафҳум, моҳият, қоидаҳо ва ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ барои мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ

ҷиҳати баландабрдории самаранокии ташаккули иттилоот ва қарорҳои идоракунӣ зоҳир мегардад. Ҳамчунин, аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои методӣ ва амалии коркардшуда барои ташкил ва мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти ширкатҳои фармасевтӣ дар амалияи онҳо мусоидат менамоянд.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна - «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба талаботи бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ҷавобгӯ мебошад: бандҳои 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ; 1.7. Баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо; 1.13. Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ; 1.16. Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат); 2.11. Назария ва методологияи таҳлили молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва маркетингӣ.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионии «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ» Болтуева Рухсора Камоловна 8 мақолаи илмӣ бо ҳаҷмӣ 5,6 ҷузъи чопӣ (аз муаллиф – 4,6 ҷ.ч.), аз он ҷумла 5- тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромаданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

**Апробатсия ва ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи фармасевтии давлатии шаҳри Перм-и Федератсияи Россия муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Баҳисобгирии молиявӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаҳо», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ» «Таҳлили идоракунӣ», «Таҳлили стратегӣ», «Таҳлили иқтисодӣ», «Таҳлили комплексии иқтисодии фаъолияти хоҷагидорӣ», «Аудити дохилӣ», «Аудит» бо донишҷӯни ихтисосҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо», «Аудит ва ревизия», «Молия ва қарз»,

«Фаъолияти бонкӣ» дар зинаҳои бакалавриат ва магистратура истифода шудааст (Санади № 178 аз 15. 03, 2024).

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии муҳосиботи корхонаҳои саноати дорусозӣ барои татбиқ қабул шудаанд, аз ҷумла дар ҶДММ “Вежа Фарма” (маълумотномаи №8/24 аз 18.01.2024) ва ҶДММ “Тиб Барои Шумо” (маълумотномаи №5/24 аз 12.02.2024), истифода мешаванд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба ташкил ва пешбурди низоми баҳисобгирии идоракунӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва технологияи истеҳсоли маҳсулот ва фурӯш дар корхонаҳои саноати дорусозӣ, инчунин, воридкунии доруворӣ ва молҳои таъиноти тиббӣ ифода мёбад. Муаллиф зарурияти ташкили баҳисобгирии идоракуниро дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ба таври назариявӣ ва амалӣ асоснок намудааст. Камбудиҳои мавҷудбударо дар раванди ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи бизнес-равандҳо ва дигар самтҳои фаъолияти корхона муайян карда, равиши муносиби ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунии босамарро барои ширкати тиҷорати фармасевтӣ пешниҳод намудааст.

Дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мунтазам бо маърӯзаҳои дорои хусусияти илмӣ баромад намудааст. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби Болтуева Р.К. 10 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд:

***а) Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашриҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

1. Болтуева Р.К. Таъминоти муҳосибӣ-иттилоотии назорати дохилии ташкилотҳои истеҳсолкунандаи доруворӣ / Р.К.Болтуева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021.– №4. – С. 186-193
2. Болтуева Р.К. Таснифи объектҳои баҳисобгирӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ. / Р.К.Болтуева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2021.– № 8. – С. 187-194
3. Болтуева Р.К. Рушди баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Р.К.Болтуева// Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №4.– С. 34-42
4. Болтуева Р.К. Ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ташкилотҳои доруворӣ / Қ.Х.Хушвахтзода, Р.К.Болтуева // Паёми

донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022.– №5. – С.80-87

5. Болтуева Р.К. Внедрение комплексной системы автоматизации для совершенствования фармацевтической деятельности / Р.К.Болтуева // Журнал «Наука и инновация», 2022 – №4.– С.142-147

***б) Мақолаҳо дар дигар нашриёҳо:***

6. Болтуева Р.К. Разработка рекомендаций по развитию фармацевтического рынка Республики Таджикистан в современных условиях / Д. Ф. Сайфуллоева, Ф. Ф. Сайфуллоев, Р. К. Болтуева // Вестник Пермской государственной фармацевтической академии: Научно-практический журнал. Научно-практическая конференция с международным участием, посвященная 50-летию кафедры токсикологической химии, Пермь, 14–15 декабря 2022 года. – Пермь: Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Пермская государственная фармацевтическая академия» Министерства здравоохранения Российской Федерации, 2022. – С. 292-294.

7. Болтуева Р.К. Ташкили низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳо / Қ.Х.Хушвахтзода, Р.К.Болтуева // Маҷаллаи «Тоҷикистон: иқтисод ва идора». Нашри махсус бахшида ба Форуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Робитаҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия ҳамчун асоси инкишофи иқтисодиёти миллӣ» (14-17 марти 2023). -Душанбе: ДМТ. – 2023. - С. 5-11

8. Болтуева Р.К. Бунёди ҳисоботи идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ// Маводҳои конференсияи илмию назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи иқтисоди рақамӣ ва тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бахшида ба «Солҳои рушди саноат (2022-2026)». (25 ноября 2023). -Душанбе, ДДМИТ. – 2023. – С. 294-299

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, шунидани тақризи роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х., баромади муқарризони холис - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Калемуллоев М.В., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонов А.К. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Тоҳирова Р.С. маҷлиси васеи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Болтуева Р.К.,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ», барои

дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №367) мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ», барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо дарназардоштиислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экспертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 26 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 26 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор - 5 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

-«тарафдор» – 26 нафар;

- «зид» – нест;

- «бетараф» - нест.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгири бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2024 суратмаҷлиси №7 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДМТ**
**н.и.и., дотсент** **Давлатзода М.Х.**

**Котиб:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДМТ** **Раҷабов Т.Б.**

Имзоҳои, Давлатзода М.Х. ва Раҷабов Т.Б- ро тасдиқ мекунам.

**Тасдиқ мекунам,**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**«04» апрели 2024 с.**